**ПРЕСС-РЕЛИЗ**

# Коршиносон аз ИА кормандони тиббии муассисаҳои ислоҳии Тоҷикистонро оиди хизматрасониҳои муолиҷавӣ барои нашъамандони маҳкумшуда, омӯзониданд

***Душанбе, 29-уми апрели соли 2016*** – Коршиносон аз Олмон барои 15 коршиносони миллии соҳаи муолиҷаи нашъамандони маҳкумшуда, аз ҷумлаи кормандони тиббии муассисаҳои ислоҳӣ: маъмурияти тиббии сарраёсати иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ ва муассисаҳои ислоҳии шаҳри Душанбе ва дигар ноҳияҳои Тоҷикистон, омӯзиши дурӯзаро гузарониданд.

Омӯзиши мазкур диққати хосаро ба мавзӯъҳои стандартҳои байналхалқии этикаи тиббӣ ва ҳуқуқи инсон дар маҳкама ва муолиҷаи ивазкунандаи афюнӣ нигаронида шудааст. Тренерон инчунин дар мавзӯъҳои – моддаҳои психоактивӣ ва нашъамандӣ, муолиҷаи ивазкунанда бо усулӣ пероралӣ дар маҳкамаҳо, инчунин барномаҳои мубодилаи сӯзанҳо дар маҳбасхонаҳо баромад карданд: дар ин хусус таҷрибаи миллӣ ва байналхалқӣ қайд гашт.

Омӯзиши мазкур дар чаҳорчӯбаи марҳилаи шашуми Барномаи пешгирии паҳншавии нашъамандӣ дар Осиёи Марказӣ (CADAP-6) дастгирӣ шудааст, ки аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ шуда, бо Консортсиум аз кишварҳои Недерландия, Ҷумҳурии Чехия, Полша ва Олмон амалӣ мешавад.

Барномаи пешгирии паҳншавии нашъамандӣ дар Осиёи Марказӣ (CADAP-6) давомати сиёсати ИА-ро муаррифӣ менамояд ва ҳамкории дарозмӯҳлат бо шарикони Осиёи Марказӣ барои мусоидат ба минбаъд тақвият додани сиёсати миллии онҳо дар паст кардани талабот ба маводи нашъаовар мебошад.

Ҳайати гурӯҳи корӣ иборат аз 10-15 мутахассисони соҳаҳои наркология, равоншиносӣ ва кори иҷтимоӣ дар омӯзишҳои CADAP дар давраи солҳои 2016-2017 иштирок хоҳанд кард. Ин омӯзишҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ баҳри минбаъд беҳтар кардани стандартҳои хизматрасонии тиббӣ ба нашъамандон, гузаронида хоҳад шуд. Пас аз хатми ин омӯзишҳо ба иштирокчиён сертификатҳои Донишгоҳи Франкфурт тақдим карда мешавад.

***Барои гирифтани маълумоти иловагӣ**, лутфан ба Мавҷигул Азизулоева, Ҳамоҳангсози миллии барномаи CADAP 6 бо телефонҳои (+992) 98 584 32 70, ё тариқи почтаи электронӣ – mavjigul.azizulloeva@giz.de, муроҷиат намоед.*

---

Лоиҳаи мазкур аз тарафи ташкилотҳои зерин амалӣ мешавад:

Суроға: х. Айнӣ/ к. Назаршоев,
734001, Душанбе, Тоҷикистон
Тел. мобилӣ: +992 98 584 32 70

Лоиҳаи мазкур аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ шудааст

Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

к. Адҳамов 74,
734013 Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел: (+992 37) 221 74 07, 227 10 24
Факс: (+992 37) 221 43 21
Delegation-Tajikistan-Pic@eeas.europa.eu
http://eeas.europa.eu/delegations/tajikistan/index_en.htm

Иттиҳоди Аврупо аз 28 давлати аъзо иборат буда, онҳо ба қарор омаданд, ки тадриҷан дониш, манбаъҳо ва қисматҳояшонро якҷоя кунанд. Ҳамҷоя дар давраи васеъшавии тӯли 50 сол, онҳо минтақаи босубот, демократӣ ва рушди устуворро таъсис дода дар баробари ин гуногунии фарҳангӣ, таҳамулпазирӣ ва озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо тасмим гирифтааст, ки комёбиҳо ва арзишҳои худро бо давлатҳо ва халқҳои берун аз худуди марзҳои худ қисмат кунад. Бо ин мақсад Иттиҳоди Аврупо фаъолияти худро дар Тоҷикистон аз соли 1992 амалӣ карда, ба маблағи тақрибан 35 миллион евро ҳар сол кӯмак барои рушд ҷудо мекунад.